Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА — 014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе, 734067,
кучаи Нахимов, 64/14

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

Дар ҷомеаи рушдёбанда ва доим дар ҳоли тағйирёбӣ, ҳамзамон рушди иқтисодиёти муосирро бе истифодаи технологияҳои рақамӣ ва татбиқи навовариҳо дар низоми молиявию бонкӣ тасаввур кардан душвор аст. Дар шароити тағйирёбии босуръати муҳити иқтисодӣ, афзоиши талабот ба хизматрасониҳои рақамии молиявӣ ва густариши пардохтҳои ғайринақдӣ масъалаи таҳқиқи навовариҳои бонкӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Аз ин нуқтаи назар, интихоби мавзӯи диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Муаллиф дар автореферат масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккулёбӣ ва рушди навовариҳои бонкиро мавриди таҳқиқ қарор дода, нақши онҳоро дар раванди рақамикунонии иқтисодиёт муайян намудааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба истифодаи технологияҳои муосир дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, такмили хизматрасониҳои бонкӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нави хизматрасонии молиявӣ равона гардидааст.

Ҷанбаи мусбати таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф навовариҳои бонкиро на танҳо ҳамчун воситаи беҳтар намудани хизматрасонии муштариён, балки ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо ва рақамикунонии

Scanned with CamScanner

иқтисодиёт баррасӣ намудааст. Чунин муносибат ба таҳқиқот имконият медиҳад, ки робитаи байни рушди технологияҳои бонкӣ ва дигаргуншавии муносибатҳои иқтисодӣ нишон дода шавад.

Дар автореферат инчунин масъалаҳои марбут ба рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, пардохтҳои электронӣ, технологияҳои рақамӣ ва такмили инфрасохтори молиявӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои таҳияи самтҳои стратегии рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ аҳаммияти амалӣ дошта бошанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ҳангоми таҳияи маҳсулоти нави бонкӣ, такмили хизматрасониҳои рақамӣ ва ташаккули механизмҳои муосири хизматрасонии молиявӣ истифода шаванд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати таҳқиқот, баъзе масъалаҳо ба такмили минбаъда дар сатҳи дигари зинаи таҳқиқот ниёз доранд, ки метавонад бандҳои зеринро дар бар

- Дар таҳқиқот масъалаҳои марбут ба арзёбии иқтисодии самаранокии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар ташкилотҳои қарзӣ агар ягон омили мушаххас ҳамчун асос қабул мегардид, беҳтар буд.

- Ҳамчунин, таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои гуногун, ки барои асоснок намудани баъзе пешниҳодҳои муаллиф мусоидат намояд истифода мегардид, масъала мушаххастар мегардид.

Дар ниҳоят бояд гуфт, ки эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва сатҳи таҳлили масъалаҳои илмӣ ба талаботи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф тавонистааст масъалаи муҳимми илмӣ ва амалиро таҳқиқ намуда, як қатор пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ баён намояд.

Scanned with CamScanner

муҳимми илмӣ ва амалиро таҳқиқ намуда, як қатор пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ баён намояд.

Бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзӯи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» ба талаботи муқаррарагардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ., профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Досиев М. Н.**

Дурустии имзои Досиев М.Н.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦРАБОТЫ

Насурдинзода А.Н.
“17” 09 2026

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Душанбе кӯчаи Саид Носир, 33
Телефон: (+992) 37-224-17-86
Факс: 37-224-17-86, E-mail info@apa.tj

Scanned with CamScanner